**Тақриз**

**ба автореферати диссертатсияи Иброимова Гуландом Наимовна дар мавзуи "Муродифоти ибораҳои номӣ ва ҷумлаҳои сода дар «Чор дарвеш»", барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.01. - Забони тоҷикӣ**

Забони адабии тоҷикӣ дар давраҳои гуногуни таърихӣ чи аз нигоҳи жарфои маънӣ ва чи аз нигоҳи густариши имконоти услубӣ ва ғановати луғавӣ иқтидори бузурги ифодаи мафҳумҳои гуногуну нотакрор ва таҷассуми комили таҳаввулоти иҷтимоӣ ва равандҳои ҳаёти ҷомеаро доро гашта, дар баробари он худ низ боз ҳам мукаммалтару фасеҳтар ва салису ҷаззобтар шудааст ва ин вижагиро бегумон дар осори адибону сухангустарон ва суханшиносон амиқ мушоҳида менамоем. Аз ин лиҳоз таҳқиқу пажӯҳиши забони тоҷикӣ дар давраҳои гуногуни таърихӣ бо назардошти асолати маъниву сохтор ва фарогири манобеи фаровон қобили арзёбии махсус аст.

Дар ин росто пажӯҳишгарони вожашиносии муосир ба низоми маъноии калимаҳо ва ғановати луғот, ифодаҳои нотакрори маъно таваҷҷуҳи хосае зоҳир намуда, тавассути таҳлилу баррасии вижагиҳои луғавӣ ва ҷанбаҳои семантикии забон доираи маъноии хар як вожаро бо тобишҳои гуногуни он муайян менамоянд, ки ин барои илми муосир арзиши назаррас дорад.

Кори диссертатасионии Иброимова Гуландом Наимовна дар мавзуи "Муродифоти ибораҳои номӣ ва ҷумлаҳои сода дар «Чор дарвеш»" ба масъалаҳои мубрами забоншиноии муосир, ки ба робитаву ҳамбастагии манбаъҳои арзишманди забонро бо забони зиндаи мардум далолат мекунад, бахшида шудааст. Бинобар ин ба риштаи таҳлил кашидани роҳҳои маҳфузмонии калимаву таркиб ва ибораҳои асари зикршуда яке аз масоили мубрами забоншиносии муосири тоҷик ба шумор меравад.

Мақсади таҳқиқоти мазкур ошкор кардани имконоти ҳаммаъношавии навъҳои гуногуни ибора ва ҷумлаҳои сода дар забони тоҷикӣ дар мисоли «Чор дарвеш», муайян кардани махсусиятҳои муродифоти ибораҳо, шартҳои ҷойивазкунии онҳо дар матнҳои муайян, муқаррар намудани умумият ва тафовути ҳар як қолиби наҳвӣ аз ҳамдигар ба ҳисоб меравад..

Навгонии илмии таҳқиқ дар он ифода меёбад, ки бори аввал қолибҳои ҳаммаънои маводи насри классикӣ бо як низоми муайян омӯхта шуда, муродифоти наҳвӣ (ибораҳо ва ҷумлаҳои сода) тасниф мегарданд. Ҳамчунин, умумият ва тафовути қолибҳои муродиф дар ифодаи ин ё он маъно муқаррар карда шуда, муродифоти ибораҳои номӣ ва ҷумлаҳои сода

дар заминаи қолибҳои муродифшавандаи имконпазир, ки ба умумияти маъно далолат менамоянд, нишон дода мешаванд.

Аҳамияти назариявию илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ бо чунин нуктаҳои собит мешавад, ки натиҷаҳои пажуҳиши мазкурро метавон дар оянда ҳангоми таълифи осори таҳқиқӣ доир ба гӯишшиносии таърихӣ, таърихи забонҳои эронӣ, эҷоди фарҳангномаҳои этимологӣ ва дастури луғатномаҳои шеваю лаҳҷаҳо ба таври самаранок истифода бурд. Инчунин, аҳамияти назариявии таҳқиқ дар он зоҳир мегардад, ки хулосаҳои илмии таҳқиқи қолибҳои ҳаммаънои наҳвиро дар таҳқиқи минбаъдаи масъалаҳои муродифоти наҳвии забони тоҷикӣ зимни муайян намудани қолибҳои наҳвӣ истифода бурдан мумкин аст. Таҳқиқоти мазкур дар омӯзиш ва таҳлили минбаъдаи масъалаҳои муносибатҳои маъноию грамматикӣ дар ибора ва ҷумла, ҷараёни инкишофи минбаъдаи наҳвии забони тоҷикӣ аҳамияти калони назариявӣ дорад.

Натиҷаҳо ва нуктаҳои муҳимтарини диссертатсия дар ҷараёни таълими услубшиносӣ, наҳв, курси махсуси муродифоти грамматикӣ дар факултетҳои филология ва журналистикаи муассисаҳои олӣ хизмат хоҳанд кард. Истифодаи таҳқити мазкур дар таълими дарсҳои амалии асосҳои маданияти нутқ ва услубшиносӣ дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ, дар фаъолияти устодони каломи бадеъ, кормандони матбуот, радио, телевизион, ҳамчунин, тарҷумонҳо судманд хоҳад буд. Маводи диссертатсия дар интихоби калима, ибора, қолибҳои наҳвӣ ва ифодаи тобишҳои нозуки маъно кумак мекунад.Хулосаву тавсияҳои илмии натиҷаҳои тадқиқоти анҷомёфта ба муҳаққиқони минбаъда пешниҳод гардида, ҷанбаҳои тозаи равияи омӯзишро кушода медиҳанд.

Мусалламан диссертатсия дар мавзуи "Муродифоти ибораҳои номӣ ва ҷумлаҳои сода дар «Чор дарвеш»", барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.01. - Забони тоҷикӣ мувофиқат мекунад.

Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқ аз он иборат аст, ки Муаллифи диссертатсия дар ҳама марҳалаҳои таҳқиқ, аз ҷамъоварии маводи амалӣ, омӯзиши адабиёти илмӣ то ба танзим даровардану гурӯҳбандии қисматҳои кор, фаъолона иштирок намудааст. Мавзуи мазкур бори аввал дар забоншиносии тоҷик мавриди таҳқиқ қарор гирифта, муносибати байни категорияҳо ва хусусиятҳои синтаксисӣ (наҳвӣ)-и забони тоҷикӣ дар ин давраи таърихӣ дар заминаи маводи «Чор дарвеш» равшан гардидааст.

Диссертатсия аз муқаддима, се боб, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқ, рӯйхати адабиёт ва нашри таълифоти илмӣ дар

мавзуи диссертатсия иборат аст, ки дар умум 175 саҳифаи чопи компютериро ташкил медиҳад.

Дар муқаддимаи диссертатсия зарурати таҳқиқ ва моҳияти мавзуъ асоснок ва вазифаҳои таҳқиқот муайян карда шудааст. Ҳамчунин методҳои таҳқиқ тавсиф шуда, навоварӣ ва арзиши назариву амалии он, инчунин нуктаҳои ба дифоъ пешниҳодшуда мушаххас ва дараҷаи таҳқиқи масъала муайян гардидааст.

Боби аввали диссертатсия «Масоили назариявии муродифоти ибора ва ҷумлаҳои сода дар забоншиносӣ » ном дошта, аз чор фасл иборат аст.

Боби дуюми диссертатсия таҳти унвони «Қолибҳои ибораҳои номии изофии ҳаммаъно дар «Чор дарвеш»» ном дошта, аз чор фасл иборат аст.

Яке аз навъҳои ибора, ки на танҳо дар «Чор дарвеш», балки дар забони тоҷикӣ низ мавқеи устувор дорад ва ниҳоят серистеъмол аст, ибораҳои изофӣ мебошад. Назар ба дигар ҳиссаҳои нутқ исм дар сохтани ибораҳои изофӣ сермаҳсул аст.

Боби сеюми диссертатсия «Муродифоти ҷумлаҳои сода дар «Чор дарвеш»» ном дошта, аз се фасл иборат аст. Дар он муносибати муродифии қолибҳои гуногуни ҷумлаҳои сода баррасӣ мегардад.

Чунин таъкидоту хулосабарориҳои муҳаққиқ басо ҷолибу арзанда буда, барои таҳқиқоти оянда дар ин самт манбаи ғояҳои арзишманд хоҳад буд.

Дар хулоса муҳаққиқ аз дастовардҳои илмии худ натиҷагирӣ намуда, нуктаҳои асосии илмиро дар шакди муъфаз ва мушаххас иброз менамояд ва дар интиҳои кори илмӣ тавсияҳои илмиро оид ба истифодаи амалии натиҷаҳо пешниҳод менамояд.

Мавриди зикр аст, ки диссертатсияи Иброимова Г.Н ба дараҷаи зарурии илмӣ таълиф гардида, пажӯҳиши мукаммал ва анҷомёфта дониста мешавад.

Ҳамин тавр, кори диссертатсионии Иброимова Гуландом Наимовна дар мавзуи “Муродифоти ибораҳои номӣ ва ҷумлаҳои сода дар «Чор дарвеш»” дорои арзиши назаарраси илмӣ буда, дар баробари дастовардҳо баъзе нуктаҳои қобили интиқодро низ дорад, ки мехостем ба баъзе аз онҳо махсус таъкид намоем:

1. Аз тарафи дигар назари муҳаққиқони ҷудогонаро дар матни таҳқиқ зикр намояд, назари интиқодии худро ба он пажӯҳишҳо камранг нишон медиҳад ва дар камтарин мавридҳои назари эшонро ба баҳс мекашад.

2. Маводи мавриди таҳқиқ басо арзишманд буда, дар баробари ин бисёр хуб мебуд, ки муҳаққиқ ба масъалаҳои этнолингвистӣ ва лингвофарҳангӣ низ таваҷҷуҳ менамуд, натиҷагириҳои илмии ҷолибтар ба даст меомаданд.

3. Дар сафаҳоти ҷудогонаи автореферати диссертатсия нуктаҳои таҳрирталаб (5, 8, 11, 21, 22) ва қобили тасҳеҳ (4, 8, 13, 17, 18, 20) ҷой доранд, ки ислоҳи онҳо ба нафъи кор аст.

Маколаҳои интишоршудаи муҳаққиқ муҳтавои асосии диссертатсияро инъикос мекунанд ва дар маҷаллаҳои илмии таъйиднамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба нашр расидаанд.

Бо чунин тартиб, кори диссертатсионии Иброимова Г.Н дар мавзуи "Муродифоти ибораҳои номӣ ва ҷумлаҳои сода дар «Чор дарвеш»" ҷавобгӯи талаботҳои корҳои диссертасионии аз ҷониби Комисияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муайянгардида буда, таҳқиқоти илмии комил ва анҷомёфта аст, ки дастоварди илмии диссертантро инъикос менамояд. Бинобаар ин муаллифи диссертатсия Иброимова Гуландом Наимовна барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.01. - Забони тоҷикӣ сазовор мебошад.

Мушовири академии кафедраи
забони тоҷикии Донишгоҳи
байналмилалии забонҳои хориҷии
Тоҷикистон ба номи
Сотим Улуғзода,
доктори илмҳои филология,
профессор Расулов Суҳайлӣ Мирқозиевич

Имзои доктори илмҳои
филология, профессор
С.М Расуловро тасдиқ менамоям:

Сардори раёсати кадрҳо
ва корҳои махсуси Донишгоҳи
байналмилалии забонҳои хориҷии
Тоҷикистон ба номи Сотим
Улуғзода Юсупова Бибиҷон Ғаниҷоновна

08.05.2023